# АМРИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# РАСПОРЯЖЕНИЕ
## ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

1. Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 декабри соли 2022 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» зикр гардидаанд, тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Роҳбарони вазорату идораҳо, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, воҳидҳои сохтории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарони гурӯҳҳои корие, ки ба вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вобаста шудаанд, раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо иҷрои саривақтӣ ва сифатноки чорабиниҳои дар нақша пешбинишударо таъмин намоянд.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе
9 январи соли 2023
№ АП-321

1. Утвердить План мероприятий по выполнению задач, указанных в послании Президента Республики Таджикистан 23 декабря 2022 года «Об основных направлениях внутренней и внешней политики Республики Таджикистан» (прилагается).

2. Руководителям министерств и ведомств, предприятий, учреждений и других организаций, структурных подразделений Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан, руководителям рабочих групп, закрепленных за областями, городами и районами, председателям областей, городов и районов обеспечить своевременное и качественное исполнение мероприятий, предусмотренных в плане.

Президент
Республики Таджикистан — Эмомали Рахмон

г. Душанбе
9 января 2023 года
№ РП-321

Бо амри
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 9 январи соли 2023, №АП-321
тасдиқ шудааст

Нақшаи чорабиниҳо
оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 декабри соли 2022
«Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» зикр гардидаанд

| Р/т | Номгӯйи чорабиниҳо | Муҳлат | Иҷрокунандагон | Масъулон |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Таҳияи нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати омӯзиши паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ ва амалӣ кардани вазифаҳои дар он зикргардида | То 30-юми январи соли 2023 | Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсати кор бо мақомоти идоракунии маҳал ва воҳидҳои сохтории дигари Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 2. | Таъмин кардани суръати рушди иқтисодӣ дар сатҳи на кам аз 8 фоиз, 15 фоиз афзоиш додани даромади пулии аҳолӣ ва ба 100 миллиард сомонӣ расонидани он | Соли 2023 бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия, саноат ва технологияҳои нав, маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсатҳои банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, молия, рушди инфрасохтор, маориф, фарҳанг ва иттилоот, кор бо мақомоти идоракунии маҳал, шуъбаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Дастгоҳи иҷроияи Президент |



| Р/т | Номгӯйи чорабиниҳо | Муҳлат | Иҷрокунандагон | Масъулон |
|---|---|---|---|---|
| 3. | Ба 475 ҳазор шаҳрванди эҳтиёҷманди кишвар, аз ҷумла кӯдакони ятим ва бесаробон, маъюбон, оилаҳои камбизоат ва гирандагони нафақаи иҷтимоӣ пардохт намудани кумаки молиявии яквақта дар ҳаҷми 600 сомонӣ ва бо ин мақсад равона кардани 285 миллион сомонӣ | То охири соли 2022 бо пешниҳоди ҳисобот дар моҳи январи соли 2023 | Вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсатҳои молия, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, рушди иҷтимоӣ, маориф, фарҳанг ва иттилоот, кор бо мақомоти идоракунии маҳал, шуъбаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 4. | Равона кардани таваҷҷуҳи асосӣ ба рушди босуботи соҳаҳои иқтисоди миллӣ, пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба он, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои кории нав, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти содирот, ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидан ба раванди рақамикунонии бахшҳои иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ ва беҳтар кардани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ | Мунтазам бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия, саноат ва технологияҳои нав, маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсатҳои банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, молия, рушди инфрасохтор, маориф, фарҳанг ва иттилоот, рушди иҷтимоӣ, шуъбаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 5. | Бо мақсади татбиқи ҳадафу афзалиятҳои рушд ҷорӣ кардани раванди банақшагирии стратегӣ дар ҳамаи сатҳҳои идоракунии давлатӣ, андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати иҷрои нишондиҳандаҳои дар ҳуҷҷатҳои барномавӣ пешбинишуда | Мунтазам бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсатҳои банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, молия, кор бо мақомоти идоракунии маҳал ва воҳидҳои сохтории дигари Дастгоҳи иҷроияи Президент |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 6. | Дар асоси усули банақшагирии стратегӣ ва низоми байналмилалии баҳисобгирии молиявӣ андешидани тадбирҳои доимӣ доир ба масъалаҳои интизоми молиявӣ, тақсимоти самараноки захираҳо, шаффофияту тобеият, таҳияи босифати буҷети давлатӣ ва рақамикунонии соҳа | Мунтазам бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Вазорати молия, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсатҳои молия, кор бо мақомоти идоракунии маҳал ва воҳидҳои сохтории дигари Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 7. | Андешидани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати беҳтар гардонидани хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ, мукаммалсозии маъмурикунонии андоз ва дар ин замина бартараф намудани таъсири омили инсонӣ ба раванди андозсупорӣ, истифодаи ҳатмии дастгоҳҳои назоративу хазинавии дар речаи вақти воқеӣ амалкунанда ва низоми хазинаҳои маҷозӣ ҳангоми анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ бо аҳолӣ | Мунтазам бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Кумитаи андоз, вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсатҳои молия, банақшагирии стратегӣ ваислоҳот, кор бо мақомоти идоракунии маҳал ва воҳидҳои сохтории дигари Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 8. | Андешидани тадбирҳои доимӣ ҷиҳати нигоҳ доштани устувории қурби пули миллӣ, баланд бардоштани қобилияти пардохти низоми бонкӣ, дар сатҳи пешбинишуда нигоҳ доштани таваррум ва таъмин кардани фаъолияти самараноки низоми пардохтҳо | Мунтазам бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Бонки миллӣ, БДА ҶТ «Амонатбонк», КВД бонки саноативу содиротии Тоҷикистон «Саноатсодиротбонк» ва ташкилотҳои дигари қарзӣ | Раёсатҳои молия, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳоти Дастгоҳи иҷроияи Президент |



| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 9. | Андешидани тадбирҳои мушаххас ҷиҳати таъмини саривақтии талаботи иқтисодиёт ба маблағгузорӣ, зиёд намудани қарздиҳӣ ба аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидор, ҳавасмандгардонии пасандозгузорон, паст кардани фоизи қарзҳои ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт, махсусан ба соҳибкории истеҳсолӣ пешниҳодшаванда, бо фоизи дастрас афзоиш додани пешниҳоди қарзҳои ипотекӣ | Мунтазам бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Бонки миллӣ, Вазорати молия, БДА ҶТ «Амонатбонк», КВД бонки саноативу содиротии Тоҷикистон «Саноатсодиротбонк» ва ташкилотҳои дигари қарзӣ | Раёсатҳои молия, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳоти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 10. | Бо мақсади мусоидат ба рушди бахши молиявӣ пурра ба таври ғайринақдӣ ба роҳ мондани пардохти ҳамаи андозҳо ва боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ ва намудҳои дигари хизматрасонии давлатӣ | Аз 1-уми июли соли 2023 | Вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, корхонаҳои воҳиди давлатии «Тоҷиксуғурта», «Хоҷагии манзилию коммуналӣ», вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсатҳои молия, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, рушди иҷтимоӣ, рушди инфрасохтор, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 11. | Андешидани тадбирҳои зарурии фаврӣ ва қатъӣ ҷиҳати таъсис додани махзани ягонаи маълумот доир ба суратҳисоби ҳамаи сохтору мақомоти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳо, тавсеаи инфрасохтори пардохти ғайринақдӣ ва ташкили равзанаи ягонаи пардохти тамоми хизматрасониҳои давлатӣ | Соли 2023 | Вазорати молия, Кумитаи андоз, Бонки миллӣ, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсатҳои молия, кор бо мақомоти идоракунии маҳал ва воҳидҳои сохтории дигари Дастгоҳи иҷроияи Президент |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 12. | Андешидани тадбирҳои доимӣ дар самти тавсеаи фарогирии молиявӣ дар кишвар барои рушди шабакаи хизматрасониҳои молиявии рақамӣ, таъмин намудани гуногуншаклии хизматрасониҳои молиявӣ, ҳимояи ҳуқуқи истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва баланд бардоштани маърифати молиявии онҳо | Мунтазам бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Бонки миллӣ, Вазорати молия, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсатҳои молия, кор бо мақомоти идоракунии маҳал ва воҳидҳои сохтории дигари Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 13. | Бо ҷалби соҳибкорони ватандӯст вусъат ва идома додани раванди саноатикунонии босуръати кишвар, бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ, иншооти иҷтимоӣ, таъсиси ҷойҳои кории нав, дастгирӣ кардани ташаббусҳои созандаи соҳибкорону сармоягузорон дар ин самт, ҳалли масъалаҳои вобаста ба фаъолияти онҳо ва бартараф кардани мушкилоту монеаҳои ҷойдошта, инчунин баланд бардоштани нишондиҳандаҳои содироти мамлакат | Мунтазам бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи андоз, Агентии содирот, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсатҳои рушди инфрасохтор, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, молия, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 14. | Андешидани тадбирҳои судманд ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ, махсусан сармоягузории мустақим, таъмин намудани иҷрои кафолату имтиёзҳо ва чораҳои дастгирии давлатӣ, ҳавасмандгардонӣ ва қадрдонии соҳибкорон, инчунин рушди инфрасохтори сармоягузориву соҳибкорӣ | Мунтазам бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Муовини якуми Сарвазир Давлаталӣ Саид, раёсатҳои банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, молия, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |



| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 15. | Бо мақсади идома додани ислоҳоти соҳа мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор додани масъалаи танзими муносибатҳои иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ, такмил додани қонунгузории соҳа, танзими муносибатҳои зикршуда дар доираи як санади меъёрии ҳуқуқӣ ва то 60 фоиз ихтисор кардани шумораи онҳо | Соли 2023 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, адлия, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Муовини якуми Сарвазир Давлаталӣ Саид, раёсатҳои банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, молия, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 16. | Андешидани тадбирҳои мушаххас ҷиҳати сармоягузорӣ ва амалисозии беш аз 200 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ дар бахши воқеӣ ва инфрасохтор ба маблағи зиёда аз 82 миллиард сомонӣ | То соли 2025 бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, корҳои хориҷӣ, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Муовини якуми Сарвазир Давлаталӣ Саид, раёсатҳои банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, молия, робитаҳои хориҷӣ, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 17. | Андешидани тадбирҳои мушаххас ҷиҳати васеъ истифода бурдани тамоми воситаҳои муосири фаъолгардонии сармоягузорӣ, механизми маблағгузории фондҳои махсус дар самти татбиқи «лоиҳаҳои сабз» барои роҳандозии барномаву лоиҳаҳои мақсадноки рушди «иқтисоди сабз», аз ҷумла «энергияи сабз», ҷалби «маблағгузории сабз» барои татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаҳои саноат ва инфрасохтори кишвар, хусусан лоиҳаҳои дорои аҳаммияти экологӣ ва озуқаворӣ | Мунтазам бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия, корҳои хориҷӣ, энергетика ва захираҳои об, саноат ва технологияҳои нав, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Муовини якуми Сарвазир Давлаталӣ Саид, раёсатҳои банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, молия, робитаҳои хориҷӣ, рушди инфрасохтор, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 18. | Эътибори аввалиндараҷа додан ба таъсиси маҷмааҳои саноатӣ, паркҳои технологӣ, таҳия ва татбиқ намудани лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ҷорӣ кардани технологияҳои инноватсионӣ, истифодаи таҷҳизоти каммасрафи барқӣ ва ҷалби боз ҳам бештари сармояи мустақим ба ин самт | Мунтазам бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсатҳои рушди инфрасохтор, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, молия, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 19. | Бо мақсади бо шуғл таъмин намудани аҳолӣ дар се соли минбаъда таъсис додани 30 парки технологӣ ва минтақаи саноатӣ дар шаҳру ноҳияҳои дурдаст, инчунин таҳия ва пешниҳод кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои дарҷгардида ба Ҳукумати мамлакат | Солҳои 2023-2026 бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсатҳои рушди инфрасохтор, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, молия, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 20. | Андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати бо ҷалби соҳибкорону сармоягузорон бунёд кардани корхонаҳои саноати коркард, аз ҷумла дар шаҳри Душанбе аз оғози соли 2023 марҳала ба марҳала сохта ба истифода додани 4 корхонаи коркарди металлҳои қиматбаҳо то истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ | Солҳои 2023-2026 бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсатҳои рушди инфрасохтор, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, молия, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |



| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 21. | Аҳаммияти хоса додан ба масъалаи истихроҷу коркарди металлҳои ранга аз конҳои муайяншуда, таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намудани барномаи азхудкунӣ ва коркарди онҳо то маҳсулоти ниҳоӣ дар дохили мамлакат | То 1-уми апрели соли 2023 | Вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Саридораи геология, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Муовини Сарвазир Усмоналӣ Усмонзода, раёсатҳои рушди инфрасохтор, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, молия, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 22. | Бо мақсади истифодаи пурраи имкониятҳо дар самти рушди саноати сабуки кишвар, таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод кардани Стратегияи миллии рушди истеҳсолу коркарди пахта ва саноати нассоҷӣ | То 1-уми апрели соли 2023 | Вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, кишоварзӣ, молия, кумитаҳои давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, идораи замин ва геодезӣ, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Муовини Сарвазир Усмоналӣ Усмонзода, раёсатҳои рушди инфрасохтор, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зист, молия, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 23. | Андешидани чораҳои саривақтӣ ҷиҳати бо ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ва лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар се соли минбаъда бунёд кардану ба кор андохтани маҷмааҳои коркарди ниҳоии нахи пахта дар 5 шаҳру ноҳия, аз ҷумла шаҳрҳои Душанбе ва Кӯлоб | Солҳои 2023-2026 бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, кишоварзӣ, рушди иқтисод ва савдо, молия, кумитаҳои давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, идораи замин ва геодезӣ, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Муовинони Сарвазир Усмоналӣ Усмонзода, Сулаймон Зиёзода, раёсатҳои рушди инфрасохтор, кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зист, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, молия, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 24. | Андешидани тадбирҳои мушаххас ҷиҳати таъмин намудани фаъолияти пурсамари корхонаҳои саноатии давлатӣ ва хусусие, ки аз кор бозмондаанд ё нопурра фаъолият мекунанд | Солҳои 2023-2026 бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи андоз, Агентии омор, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсатҳои рушди инфрасохтор, бонакшагирии стратегӣ ва ислоҳот, молия, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 25. | Бо ҷалби соҳибкорону сармоягузорон тавассути муҷаҳҳазгардонӣ бо технологияҳои муосир ва бо иқтидори истеҳсолии солҳои қаблӣ ба кор даровардан ва баркарор намудани корхонаҳои равғанбарории шаҳрҳои Душанбе, Бохтар ва Конибодом | Соли 2023 бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, вилоятҳои Хатлон ва Суғд | Раёсатҳои рушди инфрасохтор, бонакшагирии стратегӣ ва ислоҳот, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 26. | Бо мақсади рушди минбаъдаи саноати дорусозӣ бо ҷалби сармояи мустақим таъсис додан ва ба кор андохтани корхонаҳои муосири истеҳсоли доруворӣ, коркарди васеи гиёҳҳои шифобахши аз лиҳози экологӣ тозаи ватанӣ ва боз ҳам зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти доруворӣ | Солҳои 2023-2026 бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, рушди иқтисод ва савдо, молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсатҳои рушди инфрасохтор, рушди иҷтимоӣ, бонакшагирии стратегӣ ва ислоҳот, молия, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |



| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 27. | Бо мақсади таъмини талаботи бозори дохилӣ ва хориҷӣ бо сангҳои бинокорӣ дарояндаи наздик истихроҷ намудан ва то маҳсулоти ниҳоӣ коркард кардани сангҳои ороишӣ ва ба роҳ мондани содироти онҳо ба хориҷи кишвар | Солҳои 2023-2026 бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Вазорати саноат ва технологияҳои нав, Саридораи геология ва корхонаҳои соҳа, Кумитаи меъморӣ ва сохтмон, Агентии содирот, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсатҳои рушди инфрасохтор, бонакшагирии стратегӣ ва ислоҳот, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 28. | Бо мақсади афзоиш додани истеҳсол ва содироти маҳсулоти саноатӣ бо ҷалби соҳибкорон сохта ба истифода додани корхонаи бузурги истеҳсоли масолеҳи сохтмон бо истифода аз ашёи хоми маҳаллӣ, аз ҷумла гачсанг дар ноҳияи Ёвон | Соли 2023 бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Агентии содирот, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва ноҳияи Ёвон | Раёсатҳои рушди инфрасохтор, бонакшагирии стратегӣ ва ислоҳот, молия, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 29. | Бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ, зиёд шудани талабот ба бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ ва манзилҳои истиқоматӣ, эътибори аввалиндараҷа зоҳир намудан ба риояи ҳатмии қоидаву меъёрҳои шаҳрсозӣ ва сохтмон, истифодаи васеи унсурҳои меъмории милливу замонавӣ, технологияҳои муосир ва масолеҳи сифатноки сохтмон ҳангоми бунёди манзилҳои истиқоматӣ ва биноюю иншоот | Мунтазам бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Кумитаи меъморӣ ва сохтмон, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Вазорати саноат ва технологияҳои нав, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсатҳои рушди инфрасохтор, кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зист, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 30. | Бо мақсади истифодаи самараноки неруи барқи «тоза»-и дар кишвар истеҳсолшаванда, коҳиш додани талаботи мамлакат аз маҳсулоти нафтӣ, мусоидат кардан ба ҳифзи муҳити зист ва беҳтар намудани вазъи экологии мамлакат, ба роҳ мондани истеҳсоли воситаҳои нақлиёти барқӣ дар дохили кишвар | Солҳои 2023-2026 бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, нақлиёт, энергетика ва захираҳои об, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсатҳои рушди инфрасохтор, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 31. | Бо мақсади таблиғу муаррифӣ кардани бартарии экологии маҳсулоти саноатии бо истифода аз «энергияи сабз» истеҳсолгардидаи кишвар мусоидат ва чораҷӯӣ намудан ҷиҳати аз ҷониби корхонаҳои ватанӣ гирифтани сертификати «истеҳсоли сабз» аз мақомоти махсусгардонидашудаи байналмилалӣ | Мунтазам | Вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, энергетика ва захираҳои об, нақлиёт, корҳои хориҷӣ, Кумитаи ҳифзи муҳити зист, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсатҳои рушди инфрасохтор, робитаҳои хориҷӣ, кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зист, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 32. | Бо мақсади расидан ба истиқлоли энергетикӣ ва истифодаи самараноки неруи барқ андешидани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати амалисозии лоиҳаҳои идомадошта, аз ҷумла таҷдиду навсозии неругоҳҳои барқи обии «Норак», «Қайроққум», «Себзор», неругоҳҳои бодиву офтобӣ дар ноҳияи Мурғоб, инчунин таъмиру навсозӣ кардани зеристгоҳҳои барқӣ дар деҳот | Солҳои 2023-2026 бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Вазоратҳои энергетика ва захираҳои об, молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсатҳои рушди инфрасохтор, молия, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |



| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 33. | Андешидани тадбирҳои мушаххаси амалӣ ҷиҳати тибқи нақша ва дар мӯҳлатҳои пешбинишуда сохта ба истифода додани иншооти азими аср-неругоҳи барқи обии «Роғун», бо ин мақсад зери назорати доимӣ қарор додани ҷараёни иҷрои корҳо, тибқи супоришҳои қаблӣ зиёд кардани шумораи коргарону сохтмончиён ва фароҳам овардани шароити мусоид барои кору фаъолияти онҳо | Солҳои 2023-2027 бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Ситоди ҷумҳуриявӣ оид ба сохтмон ва ба истифода супоридани иқтидорҳои неругоҳи барқи обии «Роғун», Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Неругоҳи барқи обии Роғун», ширкати «Вибилд», ширкатҳои дигари фаъолияткунанда, Гурӯҳи татбиқи лоиҳаҳои сохтмони иншооти энергетикӣ | Раёсати рушди инфрасохтори Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 34. | Дар мӯҳлатҳои муқарраршуда ва бо сифати баланд таъмин намудани татбиқи босифату саривақтии лоиҳаҳои кам кардани талафоти неруи барқ ба маблағи 2,4 миллиард сомонӣ ва насби беш аз 800 ҳазор ҳисобкунаки барқӣ дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат | Солҳои 2023-2025 бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Вазорати энергетика ва захираҳои об, ҷамъиятҳои саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ», «Шабакаҳои интиқоли барқ», Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсатҳои рушди инфрасохтор, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 35. | Андешидани чораҳои фаврӣ ҷиҳати таъсис додани низоми ягона ва мутамаркази биллингӣ, насби ҳисобкунакҳои зеҳнӣ ва ба ин васила то охири соли 2025 то сатҳи 9 фоиз паст кардани талафот ва ҷамъоварии пурраи маблағи барқи истифодашуда, истифодаи самараноки захираҳои мавҷу- | Солҳои 2023-2025 бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Вазорати энергетика ва захираҳои об, Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ», Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳои дахлдор, | Раёсатҳои рушди инфрасохтор, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | даи соҳа, аз ҷониби муштариён риоя кардани сарфакорӣ ва маданияти истифодаи неруи барқ, таъмини самаранокии он тавассути истифодаи таҷҳизоти каммасраф ва паст кардани талафот | | мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | |
| 36. | Бо дарназардошти имконияту захираҳои «энергияи сабз» дар кишвар, таъсис додани гурӯҳи кории байниидоравӣ ва мавриди омӯзиш қарор додани масъалаи имконият ва дурнамои рушди энергетикаи водородӣ, яъне неруи гидрогенӣ ва аз натиҷааш манзур намудани таклифи асоснок ба Ҳукумати мамлакат | То 1-уми апрели соли 2023 | Вазоратҳои энергетика ва захираҳои об, саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Академияи миллии илмҳо, вазорату идораҳои дахлдор | Муовини Сарвазир Усмоналӣ Усмонзода, раёсатҳои рушди инфрасохтор, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, маориф, фарҳанг ва иттилоот, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 37. | Андешидани тадбирҳои мушаххаси амалӣ дар самти иҷрои саривақтии лоиҳаҳои таҷдиду навсозии роҳҳо ва тақвият додани имкониятҳои транзитии кишвар, аз ҷумла таҳияи лоиҳаҳо, оғоз бахшидани корҳо ва тибқи лоиҳаҳои пешбинишуда ба анҷом расонидани таҷдиду навсозии роҳҳои мошингарди Данғара-Бохтар (29 километр), Душанбе-Кулма дар қитъаи Қалъаихумб-Ванҷ-сарҳади ноҳияи Рӯшон (93 километр), Роғун-Обигарм-Нуробод (76 километр), Хуҷанд-Конибодом ва Рӯшон-Хоруғ-деҳаи Варшез, Гулистон-Кӯлоб (32,5 километр), Данғара-Гулистон (49,2 километр), Гулистон-Фархор (40 километр), Бохтар-Левакант-Данғара (40 | Солҳои 2023-2026 бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Вазоратҳои нақлиёт, молия, рушди иқтисод ва савдо, кумитаҳои давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, идораи замин ва геодезӣ, Кумитаи меъморӣ ва сохтмон, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсатҳои рушди инфрасохтор, молия, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зист, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |



| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | километр), 4 қитъаи роҳ дар вилояти Суғд (52 километр), сохтмони пулҳо дар болои дарёҳои Ғунд, Шорфдарё ва долонҳо дар минтақаи Барсеми Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (4,6 километр) | | | |
| 38. | Бо истифода аз имконияту ташаббусҳои созандаи соҳибкорону шахсони саховатманд фаъол гардонидани корҳо дар самти бунёду навсозии роҳҳои дохиливу байни деҳаҳо, маҳалҳои аҳолинишин ва марказҳои шаҳру ноҳияҳо | Солҳои 2023-2025 бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Кумитаи рушди маҳал, Вазорати нақлиёт, Кумитаи меъморӣ ва сохтмон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсатҳои кор бо мақомоти идоракунии маҳал, рушди инфрасохтори Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 39. | Бо мақсади вусъатбахшии корҳои ободониву созандагӣ, зебогардонии ҳамаи гӯшаву канори мамлакат ва таъмин намудани рушди ҳамаҷонибаи деҳоти кишвар, ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ташкил ва баргузор кардани озмунҳои беҳтарин шаҳру ноҳия, шаҳраку деҳот, деҳа, маҳалли аҳолинишин ва хонаи истиқоматӣ | Солҳои 2023-2025 бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Кумитаи рушди маҳал, кумитаҳои кор бо занон ва оила, кор бо ҷавонон ва варзиш, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсатҳои кор бо мақомоти идоракунии маҳал, рушди иҷтимоӣ, маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 40. | Ҷиҳати тавсеаи имкониятҳои транзитии кишвар, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои соҳаи авиатсияи гражданӣ ва таъмин намудани рақобатнокии онҳо андешидани тадбирҳо барои ҷорӣ намудани низоми «Фазои кушод» | Мунтазам | Агентии авиатсияи гражданӣ, вазоратҳои нақлиёт, молия, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳои дахлдор | Муовини Сарвазир Усмоналӣ Усмонзода, раёсатҳои рушди инфрасохтор, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, молияи Дастгоҳи иҷроияи Президент |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 41. | Роҳандозӣ намудани тадбирҳои зарурӣ ва мушаххас ҷиҳати беҳтар кардани сифати хизматрасониҳо, паст кардани арзиши хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва интернет, дастрас гардонидани интернети баландсуръат дар тамоми минтақаҳои кишвар, аз ҷумла шаҳру ноҳияҳои дурдаст | Мунтазам бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Хадамоти алоқа якҷо бо муассисаҳои соҳа, вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия, Хадамоти зиддиинҳисорӣ, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Маркази технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, раёсатҳои банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, молия, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 42. | Бо мақсади фароҳам овардани заминаи муосири ҳуқуқӣ дар соҳаи алоқа ва интернет ва бо дарназардошти пешравию таҳаввулоти дар ин соҳа дар миқёси ҷаҳон бавуҷудомада, дар таҳрири нав таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ» | То 1-уми апрели соли 2023 | Хадамоти алоқа, вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия, адлия, вазорату идораҳои дахлдор | Маркази технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, раёсатҳои банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, молия, ҳуқуқи Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 43. | Андешидани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати таъмин намудани ҳадафи стратегӣ-ҳифзи амнияти озуқаворӣ, самараноку оқилона истифода бурдани замину об, зиёд намудани майдони кишти ғалладонагиҳо, картошка, сабзавот, кишти такрорӣ, баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, рушд додани соҳаҳои чорводорӣ, парандапарварӣ, моҳипарварӣ, занбӯриасалпарварӣ, боғдорӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва фаровонии бозори дохилӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ | Соли 2023 бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Вазорати кишоварзӣ, Академияи илмҳои кишоварзӣ, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Кумитаи рушди маҳал, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсатҳои кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зист, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |



| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 44. | Бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ роҳандозӣ намудани тадбирҳои амалӣ ҷиҳати зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, беҳтар кардани ҳолати мелиоративии заминҳо ва таҷдиду барқарорсозии иншооти обёрӣ | Соли 2023 бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Вазорати кишоварзӣ, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Академияи илмҳои кишоварзӣ, Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ, Кумитаи рушди маҳал, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсатҳои кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зист, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 45. | Мавриди омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷониба қарор додани захираҳои мавҷудаи канданиҳои фоиданок ва доир ба имкониятҳои азхудкунии онҳо барои истеҳсоли нуриҳои маъданӣ манзур намудани пешниҳодҳои мушаххас ба Ҳукумати мамлакат | То 1-уми апрели соли 2023 | Саридораи геология, Академияи миллии илмҳо, Академияи илмҳои кишоварзӣ, вазоратҳои кишоварзӣ, саноат ва технологияҳои нав, вазорату идораҳои дахлдор | Раёсатҳои рушди инфрасохтор, маориф, фарҳанг ва иттилоот, кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зист, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 46. | Андешидани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати бо ҷалби соҳибкорони дохиливу хориҷӣ таъсис додани корхонаҳои истеҳсоли нуриҳои минералӣ | Солҳои 2023-2024 бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, кишоварзӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳои дахлдор, Кумитаи рушди маҳал, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсатҳои рушди инфрасохтор, кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зист, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 47. | Роҳандозӣ намудани тадбирҳои самарабахш ҷиҳати рушд додани соҳаи сайёҳӣ, махсусан сайёҳии табобатӣ, экологӣ ва кӯҳнавардӣ, зиёд кардани номгӯйи хизматрасониҳо, самаранок ва бо сифати баланд амалӣ кардани лоиҳаҳои сармоягузории соҳа, идома додани бунёди инфрасохтори сайёҳии ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯй, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ дар соҳа, баланд бардоштани мавқеи байналмилалии кишвар, ташаккули бренди миллии фарогири имкониятҳои сайёҳӣ ва муаррифии он дар арсаи ҷаҳонӣ, таъмини иқтидори кадрии соҳа, самаранок амалӣ намудани раванди бо тартиби содакардашуда пешниҳод кардани раводид ба сайёҳон | Соли 2023 бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Кумитаи рушди сайёҳӣ, вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, корҳои хориҷӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсатҳои банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, молия, робитаҳои хориҷӣ, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 48. | Бо мақсади соҳибкасб намудани шаҳрвандон, аз ҷумла ҷавонон, дар асоси таҳлили вазъи бозори меҳнати дохиливу хориҷӣ таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намудани лоиҳаи барномаи миёнамуҳлати тайёр кардани кадрҳои касбии зинаи ибтидоӣ ва миёна аз ҳисоби ҷавонон барои соҳаҳои иқтисоди миллӣ | То 1-уми апрели соли 2023 | Вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маориф ва илм, молия, рушди иқтисод ва савдо, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, вазорату идораҳои дахлдор | Шуъбаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, раёсатҳои мориф, фарҳанг ва иттилоот, молия, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳоти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 49. | Бо мақсади самаранок гардонидани фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва касбомӯзии калонсолон, дар асоси таҳлили ҳамаҷониба ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намудани хулосаи | То 1-уми марти соли 2023 | Вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, молия, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва | Шуъбаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, раёсатҳои мориф, фарҳанг ва иттилоот, банақшагирии стратегӣ ва |



| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | асоснок оид ба гузаронидани ислоҳот дар низоми идоракунии ин муассисаҳо | | илм, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | ислоҳот, молияи Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 50. | Бо мақсади таъсис додани ҷойҳои корӣ ва фарогирии пурраи аҳолӣ бо шуғл амалисозии супоришҳои қаблӣ дар хусуси ба касбу ҳунаромӯзӣ ҷалб кардани шаҳрвандони аз 18-сола боло, ки касбу ҳунар надоранд ва саросар соҳибкасб гардонидани аҳолӣ, дар ин замина беҳтар кардани сифати таҳсилоту касбомӯзӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва ба омӯзиши ихтисосу ҳунарҳои барои бозори меҳнат зарурӣ фаро гирифтани аҳолӣ, аз ҷумла ҷавонон ва занону бонувон | Солҳои 2023-2026 бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, молия, кумитаҳои кор бо занон ва оила, кор бо ҷавонон ва варзиш, вазорату идораҳо, Кумитаи рушди маҳал, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Шуъбаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, раёсатҳои мориф, фарҳанг ва иттилоот, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, молия, рушди иҷтимоӣ, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 51. | Аз 1-уми июли соли 2023 то соли 2025 ҳар сол зиёд кардани андозаи кумакпулии унвонии иҷтимоӣ барои оилаҳои камбизоат, яъне аз 512 сомонии амалкунанда то 836 сомонӣ ва иловатан барои ҳар як кӯдаки оилаҳои мазкур мутобиқан ба ин давра аз 34 сомонӣ то 152 сомонӣ ҷудо кардани маблағҳо | Аз 1-уми июли соли 2023 то соли 2025 (пешниҳоди лоиҳаи санади дахлдор то 1-уми феврали соли 2023) | Вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсатҳои молия, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, рушди иҷтимоӣ, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 52. | Ба андозаи 25 фоиз зиёд кардани музди меҳнати амалкунандаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ ва 20 фоиз зиёд кардани музди меҳнати кормандони дигари ин мақомот | Аз 1-уми марти соли 2023 (пешниҳоди лоиҳаи санади дахлдор то 1-уми феврали соли 2023) | Вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, мудофиа, корҳои дохилӣ, Прокуратураи генералӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, вазорату идораҳои дахлдор | Раёсатҳои молия, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, мудофиа ва тартиботи ҳуқуқии Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 53. | Ба андозаи 20 фоиз зиёд кардани музди меҳнати кормандони муассисаҳои маориф, илм, тандурустӣ, соҳаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва стипендияҳо | Аз 1-уми июли соли 2023 (пешниҳоди лоиҳаи санади дахлдор то 1-уми феврали соли 2023) | Вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, вазорату идораҳои дахлдор | Раёсатҳои молия, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, маориф, фарҳанг ва иттилоот, рушди иҷтимоии Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 54. | Ба андозаи 20 фоиз зиёд кардани андозаи нафақаи заминавӣ ва аз меъёри нафақаи заминавӣ 20 фоиз зиёд кардани нафақаҳои дигари амалкунанда | Аз 1-уми июли соли 2023 (пешниҳоди лоиҳаи санади дахлдор то 1-уми феврали соли 2023) | Вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, вазорату идораҳои дахлдор | Раёсатҳои молия, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, рушди иҷтимоии Дастгоҳи иҷроияи Президент |



| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 55. | Ба андозаи сатҳи таварруми ду соли охир, вале на кам аз 16 фоиз индексатсия, яъне зиёд кардани нафақаҳои суғуртавие, ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» таъин ва пардохт мегарданд | Аз 1-уми июли соли 2023 (пешниҳоди лоиҳаи санади дахлдор то 1-уми феврали соли 2023) | Вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, вазорату идораҳои дахлдор | Раёсатҳои молия, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, рушди иҷтимоии Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 56. | Андешидани тадбирҳои мушаххаси доимӣ ҷиҳати рушди бонизоми соҳаи маориф, баланд бардоштани мақому манзалати омӯзгор ва фароҳам овардани шароити мусоиду беҳтари таълиму тарбия барои наврасону ҷавонон, мунтазам беҳтар намудани сатҳу сифати таълим ва саводнокиву маърифатнокии миллат ва тарбия кардани кадрҳои ба талаботи замона ҷавобгӯй | Мунтазам | Вазорати маориф ва илм, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсатҳои маориф, фарҳанг ва иттилоот, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 57. | Бо роҳи анҷом додани кашфиёту ихтироот ҷорӣ кардани усулҳои инноватсионии пешбурди таҳқиқоти илмӣ ва техникаву технологияҳои муосир, тибқи талаботи замони муосир ба роҳ мондани фаъолияти муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олӣ ва таъмин намудани саҳми фаъоли онҳо дар рушди минбаъдаи иқтисоди миллӣ | Мунтазам | Вазорати маориф ва илм, Академияи миллии илмҳо якҷо бо муассисаҳои илмиву таҳқиқотӣ ва таҳсилоти олӣ, вазорату идораҳои дахлдор | Раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президент |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 58. | Амалӣ кардани тадбирҳои судманд ҷиҳати роҳандозии барномаҳои таълими касбу ҳунарҳои муосир ва васеъ ҷорӣ намудани омӯзиши амалии донишҷӯён бо роҳи пайванди илм ва истеҳсолот, баланд бардоштани сатҳу сифати омодасозии мутахассисони соҳаҳои саноат, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва иқтисоди рақамӣ | Мунтазам | Вазоратҳои маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, Хадамоти алоқа, вазорату идораҳои дахлдор | Раёсатҳои маориф, фарҳанг ва иттилоот, рушди инфрасохтор, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, Маркази технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, шуъбаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 59. | Ба Ҳукумати мамлакат манзур намудани пешниҳодҳои мушаххас вобаста ба таъсиси донишгоҳҳои муштарак бо давлатҳои пешрафтаи дунё оид ба омӯзиши илмҳои муҳандисиву технологӣ, аз ҷумла IT-технология | То 1-уми марти соли 2023 | Вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, молия, корҳои хориҷӣ, саноат ва технологияҳои нав, Академияи миллии илмҳо, вазорату идораҳои дахлдор | Раёсатҳои маориф, фарҳанг ва иттилоот, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, молия, робитаҳои хориҷӣ, рушди инфрасохтори Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 60. | Андешидани тадбирҳои доимӣ ҷиҳати беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ ва дастрасии аҳолӣ ба он, бунёди муассисаҳои нав, навсозии муассисаҳои мавҷуда ва бо таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз гардонидани онҳо, таъмин кардани муассисаҳои соҳа, махсусан коллеҷҳои тиббии давлатӣ ва хусусӣ бо кадрҳои баландихтисос аз рӯйи ҳамаи ихтисосҳо | Мунтазам | Вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, маориф ва илм, молия, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсатҳои рушди иҷтимоӣ, маориф, фарҳанг ва иттилоот, молия, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |



| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 61. | Андешидани тадбирҳои муассир ҷиҳати дастгирию ғамхории ҳамешагӣ ба занону бонувон, арҷгузорӣ ва эҳтироми онҳо, тавассути ҷудо кардани грантҳои президентӣ ва лоиҳаҳои дигари соҳибкорӣ мусоидат намудан дар густариши фаъолияти соҳибкории занону бонувон, минбаъд низ густариш бахшидани ҷалби занону бонувон ба корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар ҳамаи зинаҳо ва мақомоту сохторҳо | Мунтазам бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Кумитаи кор бо занон ва оила, вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсатҳои рушди иҷтимоӣ, молия, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 62. | Бо ҷалби занону бонувони фаъол вусъат додани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ, махсусан ҷавонон дар самти риояи одобу ахлоқ, омӯхтани илму дониш, дӯст доштани Модар-Ватан, ҳифзи истиқлоли давлатӣ, пешгирӣ кардани шомилшавии онҳо ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистиву террористӣ, риоя ва иҷро намудани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Мунтазам бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Кумитаҳои кор бо занон ва оила, кор бо ҷавонон ва варзиш, вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсатҳои рушди иҷтимоӣ, маориф, фарҳанг ва иттилоот, молия, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 63. | Роҳандозӣ намудани тадбирҳои мушаххас дар самти дастгирӣ ва тарбияи ҷавонон, баланд бардоштани ҳувияти миллии онҳо, ҳаллу фасли мушкилоти ҳаёти ҷавонон ва истифодаи дурусту оқилона аз ин захираи стратегии миллӣ ба хотири ободиву пешрафти Ватан ва таъмини амнияту | Мунтазам | Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш, вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсатҳои маориф, фарҳанг ва иттилоот, молия, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | суботи ҷомеа, бо истифода аз шароиту имкониятҳои мавҷуда боз ҳам рушд додан ва оммавӣ гардонидани варзиш, тарбия намудани варзишгарон дар ҳамаи самтҳо ва таъмини иштироки онҳо дар мусобиқаҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ | | | |
| 64. | Андешидани тадбирҳои мушаххас ҷиҳати иҷрои пурра ва босифати Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027, инчунин таҳия, қабул ва амалисозии барномаҳои маҳаллии кор бо ҷавонон | Солҳои 2023-2027 бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш, вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳо, Кумитаи рушди маҳал, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсатҳои маориф, фарҳанг ва иттилоот, молия, банакшагирии стратегӣ ва ислоҳот, кор бо мақомоти идоракунии маҳалли Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 65. | Тақвият бахшидани фаъолияти Маҷлиси Олӣ дар самти қабули қонунҳои саривақтии мукаммал ва босифат, таҳким бахшидани ҳамкории доимии парламент бо мақомоти дигари ҳуқуқэҷодкунанда, аз ҷумла бо субъектҳои дорои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва татбиқи ҳуқуқ, дар ин замина мусоидат намудан дар рушди устувор ва босуръати мамлакат, махсусан амалӣ намудани стратегияҳо, барномаҳои дарозмуддат ва миёнамуҳлати кишвар | Мунтазам | Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Бахши ёрдамчии Президент оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, раёсати ҳуқуқ ва воҳидҳои сохтории дигари Дастгоҳи иҷроияи Президент |



| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 66. | Таҳкиму такмил додани фаъолияти мақомоти судӣ, бартараф намудани камбудиву норасоиҳои ҷойдошта, интихобу ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, баланд бардоштани сатҳи тахассус ва омодагии касбии судяҳо | Мунтазам | Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ | Бахшҳои ёрдамчиёни Президент оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, оид ба масъалаҳои кадрҳо |
| 67. | Вусъат бахшидани ҳамоҳангсозии фаъолият дар самти ошкор ва пешгирӣ намудани хавфу хатарҳои террористиву экстремистӣ, тақвият додани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва пешгирии гароидани ҷавонон ба равияҳои ифротгаро, дар рӯҳияи садоқат ба халқу Ватан ва эҳтиром ба арзишҳои умумиинсонӣ тарбия намудани шаҳрвандон, махсусан ҷавонон | Мунтазам | Прокуратураи генералӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, кумитаҳои кор бо ҷавонон ва варзиш, кор бо занон ва оила, дин, танзими анъана ва ҷашну маросим, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсатҳои мудофиа ва тартиботи ҳуқуқӣ, маориф, фарҳанг ва иттилоот, рушди иҷтимоӣ, кор бо мақомоти идоракунии маҳал, шуъбаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 68. | Бо мақсади пешгирӣ намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистиву террористидошта ва ҷиноятҳое, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ содир карда мешаванд, ба Ҳукумати мамлакат манзур намудани пешниҳоди асоснок ҷиҳати таъсиси Маркази ягонаи иттилоотӣ | То 1-уми марти соли 2023 | Прокуратураи генералӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, вазорату идораҳои дахлдор | Раёсатҳои мудофиа ва тартиботи ҳуқуқии Дастгоҳи иҷроияи Президент |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 69. | Андешидани тадбирҳои доимӣ ҷиҳати иҷрои нақшаҳои даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ, дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарварӣ, худшиносиву худогоҳӣ тарбия намудани хизматчиёни ҳарбӣ ва барои онҳо муҳайё намудани шароити хуби хизмат, назорати доимии риояи талаботи оинномаҳои ҳарбӣ, суръат бахшидан ба навсозӣ ва муҷаҳҳазгардонии Қувваҳои Мусаллаҳ, иншооти сарҳадӣ, баланд бардоштани омодабошии ҳарбӣ ва тақвияти иқтидори мудофиавии кишвар | Мунтазам | Вазоратҳои мудофиа, корҳои дохилӣ, адлия, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Гвардияи миллӣ, Прокуратураи генералӣ, Агентии таъминоти амволи махсус, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Котиботи Шӯрои амният, раёсатҳои мудофиа ва тартиботи ҳуқуқӣ, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 70. | Бо мақсади баланд бардоштани иқтидори мудофиавии кишвар таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намудани Консепсияи мудофиаи миллӣ | То 1-уми апрели соли 2023 | Вазоратҳои мудофиа, корҳои дохилӣ, адлия, молия, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Прокуратураи генералӣ, вазорату идораҳои дахлдор | Котиботи Шӯрои амният, раёсатҳои мудофиа ва тартиботи ҳуқуқӣ, ҳуқуқ, молия, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳоти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 71. | Дар асоси сиёсати «дарҳои кушода» тавсеа бахшидани робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкории мутақобилан судманду созандаи дуҷониба ва бисёрҷониба бо ҳамаи кишварҳои ҷаҳон, идома додани робитаҳои фаъол ва рушду таҳкими маҷмуи муносибатҳо бо шарикони стратегӣ, анъанавӣ ва боэътимод, таъмин намудани рушди устувор ва тақвияти рӯҳияи ҳусни ҳамҷаворӣ, эътимод ва дӯстии пойдор дар минтақаи Осиёи Марказӣ, ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалӣ ва сохторҳои дигари бисёрҷониба, инчунин сохторҳои байналмилалии молиявӣ ва шарикони дигари рушд | Мунтазам | Вазоратҳои корҳои хориҷӣ, молия, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳои дахлдор | Бахши ёрдамчии Президент оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ, Хадамоти ташрифот, раёсатҳои робитаҳои хориҷӣ, молия, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳоти Дастгоҳи иҷроияи Президент |



| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 72. | Саҳми босазо гузоштан дар ҳалли масъалаҳои мубрами ҷомеаи байналмилалӣ, аз қабили мубориза бо терроризм, ифротгароӣ, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, қочоқи силоҳ ва маводи мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ, ҳамчунин мутобиқшавӣ ба пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва рафъи оқибатҳои он, мусоидат ба ҳалли масъалаҳои байналмилалӣ ва низоъҳои минтақавӣ бо роҳи муколама | Мунтазам | Вазоратҳои корҳои дохилӣ, корҳои хориҷӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Прокуратураи генералӣ, вазорату идораҳои дахлдор | Котиботи Шӯрои амният, раёсатҳои мудофиа ва тартиботи ҳуқуқӣ, робитаҳои хориҷии Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 73. | Тарғибу ташвиқи панҷумин ибтикори ҷаҳонии кишвар оид ба масъалаҳои об ва иқлим дар миқёси сайёра, бо ташаббуси Тоҷикистон аз тарафи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» эълон гардидани соли 2025 ва 21-уми март ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии пиряххо», бо ин мақсад омодагии ҳамаҷониба дидан ба конфронси сатҳи баланди Созмони Милали Муттаҳид, ки соли 2025 дар шаҳри Душанбе баргузор мегардад | Солҳои 2023-2025 бо пешниҳоди ҳисобот ҳар се моҳ | Вазоратҳои корҳои хориҷӣ, молия, рушди иқтисод ва савдо, фарҳанг, корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, кумитаҳои ҳифзи муҳити зист, телевизион ва радио, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Бахши ёрдамчии Президент оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ, Хадамоти ташрифот, раёсатҳои робитаҳои хориҷӣ, молия, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, маориф, фарҳанг ва иттилоот, мудофиа ва тартиботи ҳуқуқӣ, кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зист, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 74. | Сафарбар намудани тамоми захираву имкониятҳо ва саъю талош ба хотири таъмини сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, рушду тараққии давлати соҳибистиқлол, иҷрои барномаҳои созандаву нақшаҳои бунёдкоронаи барои рушди давлат ва ободии Ватан тарҳрезигардида, шиори кору фаъолияти ҳаррӯзаи худ қарор додани мафҳумҳои «ватандӯстӣ» ва «рушд», истиқболи арзандаи ҷашни муборaку муқаддаси миллӣ - 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон | То соли 2026 бо пешниҳоди ҳисобот ҳар нимсола | Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Воҳидҳои сохтории Дастгоҳи иҷроияи Президент |